**Стратегияи ҳамкории Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2026–2031**
**Хулосаи машваратҳо бо намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**15 декабри соли 2025**
**Меҳмонхонаи Краун Плаза Душанбе**

Машваратҳо оид ба Страегияи ҳамкорӣ бо кишвар (CPF) барои солҳои 2026-2031 бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуд бо иштироки намояндагони воломақоми вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои сатҳи миллӣ баргузор гардиданд (нигаред ба Замима).

**<u>Масъалаҳои асосии баррасишуда:</u>**

**Стратегияҳои миллӣ, ҷонибдорӣ ва банақшагирии рушд**

Намояндагони ҳукумати кишвар аҳамияти ҷонибдории қавии банақшагирии рушдро дар сатҳи миллӣ таъкид намуданд. Онҳо қайд карданд, ки барномаи CPF бояд ба Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва дар Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030 ҳамгиройӣ гардад.

Иштирокдорон таъкид намуданд, ки Барномаи миёнамуҳлати рушд асос барои муайян намудани самтҳои ислоҳот, сармоягузориҳо ва ҳамкорӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла бо Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Он аллакай як қатор лоиҳаҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлат, ҳамкорони рушд ва бахши хусусӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар бар мегирад.

Намояндагони ҳукумат қайд намуданд, ки нишондиҳандаҳо ва вазифаҳои зерҳадаф дар баробари ташаккули стратегияҳои миллӣ метавонанд бознигарӣ шаванд. Дар доираи барномаи нави CPF Тоҷикистон бештар ба маблағгузории қарзии Бонки ҷаҳонӣ такя хоҳад намуд. Ин асосноккунии ҷиддитари иқтисодӣ, таъмини устуворӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро аз лоиҳаҳо тақозо мекунад.

**Идоракунӣ, манбаъҳои маълумот ва эътимод ба сиёсат**

Дар атрофи манбаъҳои маълумот, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва саривақт нашр намудани маълумотҳо муҳокимаҳо байни иштирокчиён сурат гирифтанд. Намояндагони ҳукумат якчанд нишондиҳандаи иштирок дар нерӯи корӣ, ҷавонон (аз он ҷумла нафароне, ки дар таҳсил, шуғл ё омодагии касбӣ иштирок надоранд (NEET)) ва иштироки иқтисодии занонро зери савол гузоштанд.

Иштирокчиён таъкид карданд, ки афзоиши босуръати демографии Тоҷикистон ва синни хеле ҷавони аҳолӣ бояд дар шарҳу тафсири нишондиҳандаҳои марбут ба меҳнат ва ҷавонон, инчунин дар таҳлилҳои муқоисавии байни кишварҳо ба таври равшану возеҳ инъикос гардад.

Намояндагони Агентии омор тасдиқ намуданд, ки гузаронидани Тадқиқоти нави нерӯи корӣ ба охир расида истодааст ва маълумотҳои нави расмӣ дар семоҳаи якуми соли 2026 дастрас хоҳанд гашт. Иштирокдорон ба мувофиқа расиданд, ки нишондиҳандаҳои бо ин ҷанбаҳо алоқаманди барномаи CPF пас аз нашри маълумотҳои нав якҷо бознигарӣ мешаванд.

**Сармояи инсонӣ, масъалаҳои гендерӣ ва муҳоҷират**

Намояндагони ҳукумат таъкид бар он намуданд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ на танҳо муаммои иҷтимоӣ, балки омили муҳимми иқтисодӣ маҳсуб меёбад, ки ба афзоиши даромадҳои хонаводаҳо ва суботи макроиқтисодӣ мусоидат мекунад. Онҳо ҳозиринро ба гузаронидани таҳлили муқоисавӣ бо мақсади омӯхтани роҳҳои идоракунии раванди муҳоҷират дар кишварҳои дигар барои дастгирии рушди устувор даъват намуданд.

Қайд карда шуд, ки ислоҳоти ахири ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ вобаста ба ҳифзи духтарон ва синну соли издивоҷ ба тамоюлҳои иштироки занон дар фаъолияти меҳнатӣ таъсири худро расонидаанд. Ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои баробарии гендерӣ ва шуғл, ислоҳоти мазкур бояд ба инобат гирифта шаванд.

**Афзалиятҳои соҳаҳо ва пешниҳодҳои оид ба рушд**

***Кишоварзӣ ва саноати аграрӣ***

Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун омили пешбарандаи технологӣ ва саноатӣ, ки соҳаҳои энергетика, шуғл, таъминоти ғизо ва тобоварӣ ба тағйирёбиҳои иқлимро мепайвандад, муаррифӣ гардид. Пешниҳодҳои зерин пешкаши ҳозирин шуданд:

- марказҳои агрологистикӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ,
- обёрии сарфакунандаи об, ки бо амнияти энергетикӣ алоқаманд аст,
- корхонаҳои коркарди маҳсулот, ки роҳбаронашон занҳо мебошанд,
- истеҳсоли сафеда барои сармояи инсонӣ, ва
- барқарорсозии чарогоҳҳо барои коҳишдиҳии хавфҳои харобшавии замин ва офатҳои табиӣ.

Кишоварзӣ на ҳамчун бори гарони иҷтимоӣ, балки ҳамчун соҳаи стратегӣ барои содирот, сармоягузориҳои хусусӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва таъмини фарогирии занон арзёбӣ мешавад.

***Сайёҳӣ***

Мақомоти соҳаи сайёҳӣ таъкид намуданд, ки сайёҳӣ яке аз бахшҳои аз ҳама фаъоли иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, ки дар саросари ҷаҳон ҷойҳои кориро таъсис медиҳад ва бо мақсади ошкор намудани имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон, беҳсозии инфрасохтор ва вусъатдиҳии занҷирҳои истеҳсолот ва таъминот ба дастгирии фаъолтар даъват намуданд.

***Рушди ҷавонон ва малакаҳо***

Созмонҳои ҷавонон барномаҳои васеи омӯзонидани малакаҳои кор бо технологияҳои рақамӣ ва ТИ-ро ҳамчун роҳи асосӣ дар самти таъмини шуғли ҷавонон таъкид намуданд.

***Муҳити зист ва иқлим***

Мақомоти давлатӣ аҳамияти истифодаи маблағгузории чорабиниҳои мубориза бо тағйирёбии иқлим, таҳкими низомҳои мониторинги пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба соҳаҳои мухталиф ва фароҳам овардани замина барои баҳисобгирии партовҳои гази карбон ва бозорҳои имконпазири гази карбонро қайд намуданд. Уҳдадориҳои миллӣ дар самти иқлим, аз он ҷумла барномаҳои васеи дарахтшинонӣ ва стратегияҳои мутобиқшавӣ дастгирии ҷиддии таҳлилӣ ва молиявиро тақозо мекунанд.

**Рақамикунонӣ, инноватсия ва ислоҳоти бахши давлатӣ**

Рақамикунонӣ ба афзалияти муҳимтарин дар тамоми соҳаҳо табдил ёфт. Намояндагони ҳукумат қайд намуданд, ки рақамикунонӣ ин на танҳо яке аз афзалиятҳои бешумор, балки омили асосии пешбарандии ислоҳот маҳсуб меёбад. Он барои андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошад:

- беҳтар намудани маълумотҳои оморӣ ва шаффофият,
- таҳкими маъмуркунонии андоз,
- коҳишдиҳии бюрократия,
- расмисозии иқтисодиёт ва
- фароҳам овардани шароит барои қабули қарорҳо дар асоси маълумотҳои воқеӣ.

Иштирокдорон аз нахустин натиҷаҳои мусбати ислоҳоти рақамӣ бахусус дар самти андозбандӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ сухан гуфтанд. Ғайр аз ин таваҷҷуҳ ба ҷорисозии ботадриҷи зеҳни сунъӣ ба тартибдиҳии буҷет ва идоракунии молияи давлатӣ ҳамчун ҳадафи стратегии дарозмуддат зоҳир карда шуд.

**Маблағгузорӣ, воситаҳо ва шаклҳои шарикӣ**

Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ таъкид намуд, ки барномаи нави CPF хусусияти интихобӣ хоҳад дошт ва ба он самтҳои таҳаввулёбанда таваҷҷуҳ мекунад, ки ислоҳот ва сармоягузориҳо дар онҳо метавонанд натиҷаҳои назаррас оваранд ва дар ниҳоят ба таъсисдиҳии ҷойҳои нави корӣ боис гарданд.

Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бори дигар таваҷҷуҳи глобалии худро ба «шумораи бештар ва беҳтари ҷойҳои корӣ» тасдиқ намуд, дар ҳоле ки бахшҳои афзалиятнок кишоварзӣ, энергетика ва инфрасохтор, истеҳсолот, тандурустӣ ва сайёҳӣ мебошанд ва аксари онҳо бо авлавиятҳои Ҳукумат мувофиқат мекунанд.

Барои таъмини пайванди беҳтари маблағгузорӣ бо ислоҳот ва натиҷаҳо воситаҳои дастрас аз ҷумла қарздиҳии сиёсати рушд, маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва барномаи ба натиҷаҳо нигаронидашуда номбар карда шуданд.

Намояндагони Ҳукумат аҳамияти маблағгузории муштарак, иштироки бахши хусусӣ ва истифодаи маблағгузории мубориза бо тағйирёбии иқлимро барои ба ҳадди аксар расонидани таъсир ба рушд таъкид намуданд.

**Замима:**

| **Шумораи иштирокчиён:** | **Вазорату идораҳои иштироккунанда:** |
| --- | --- |
| **55 иштирокчӣ** | • Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон n<br>• Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи телевизион ва радио назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Кумитаи хизматрасониҳои манзилию коммуналии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Хадамоти алоқами назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Агентии обуҳавошиносии назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | |
|---|---|
| | • Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Агентии зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхури Тоҷикистон<br>• Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Душанбе<br>• Бунеди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (НСИФТ) |